Тасдиқ шудааст

Бо қарори Шӯрои нозирони

ҶСП Бонки "ИМОН Интернешнл"

Пайнавишти №15 аз «13» августи 2026с

СИЁСАТ ДАР СОҲАИ МАСЪУЛИЯТИ ЭКОЛОГӢ ВА ИҶТИМОӢ, ИДОРАКУНИИ КОРПОРАТИВӢ ВА РУШДИ УСТУВОР

(Танҳо барои истифодаи дохилӣ)

МУНДАРИҶА

1 МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ.....3
2 ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲОИ БОНК.....4
3 ДОИРАИ АМАЛИЁТ ВА ТАТБИҚ.....5
4 ӮҲДАДОРИҲО БА ПРИНСИПҲОИ ESG.....7
5 МУВОФИҚАТ БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СММ.....8
6 НАЗОРАТ ВА МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ESG.....9
7 МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ.....10

1 МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1 Сиёсати мазкур дар соҳаи масъулияти экологӣ, иҷтимоӣ, идоракунии корпоративӣ ва рушди устувор (аз ин пас – Сиёсат)-и ҶСП Бонки «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» (аз ин пас – Бонк) ҳуҷҷати асосии Бонк мебошад, ки равишҳои онро ба фаъолият дар соҳаи ESG (экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ) ва рушди устувор системавӣ мегардонад.

1.2 Сиёсати мазкур бо назардошти нашъунамо, рисолат ва арзишҳои Бонк, стратегияи рушди Бонк ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилӣ, ки ҷанбаҳои гуногуни марбут ба ESG ва рушди устуворро танзим мекунанд, таҳия шудааст.

1.3 Сиёсати мазкур мутобиқи як қатор ҳуҷҷатҳои бунёдӣ ва санадҳои меъёрӣ дар соҳаи ESG, аз ҷумла Стратегияи рушди иқтисоди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон (2023–2037), стандартҳои байналмилалии GRI, санадҳои меъёрии дохилии Бонк ва Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ) таҳия карда шудааст.

1.4 Сиёсати мазкур бо низомномаҳо, дастурҳо ва тартибот пурра карда мешавад, ки ба татбиқи мақсадҳои ин Сиёсат дар дохили Бонк мусоидат менамоянд.

1.5 Таҷрибаи ташаккулёфта ва таҷрибаи бойи Бонк дар соҳаи идоракунии корпоративӣ ва сиёсати иҷтимоӣ, сарфаи захираҳо ва бехатарии иттилоотӣ, низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ заминаи мусоидро барои рушди минбаъдаи равишҳои ESG дар фаъолияти он таъмин менамоянд.

1.6 Бонк ӯҳдадор аст, ки тиҷорати кушод ва шаффофро пеш барад, ки барои ҷомеа фаҳмо ва барои рушди иқтисодии кишвар муфид бошад. Бонк муътақид аст, ки некӯаҳволии он бо некӯаҳволии иҷтимоии аҳолии кишваре, ки дар он фаъолият мекунад, зич алоқаманд аст.

1.7 Сиёсати мазкур мақсадҳо, принсипҳо, самтҳо ва вазифаҳои фаъолиятро дар соҳаи ESG ва рушди устувор муқаррар менамояд. Сиёсати мазкур принсипҳои ягонаро барои фаъолияти ESG муайян мекунад.

1.8 Сиёсати мазкур барои ҳамаи кормандони Бонк ҳангоми ҳамкорӣ бо ҷонибҳои манфиатдор, таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрии дохилӣ, паҳн кардани иттилоот ва дигар алоқаҳо ҳатмӣ мебошад.

1.9 Мақсади асосии Сиёсати мазкур риояи принсипҳои экологӣ, иҷтимоӣ ва идоракунӣ (ESG) мебошад. Сиёсати мазкур мутобиқи Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ) таҳия карда шудааст:

- Ҳадафи 1. Барҳам додани қамбизоатӣ дар ҳамаи шаклҳояш дар ҳама ҷо;
- Ҳадафи 5. Ноил шудан ба баробарии гендерӣ ва тақвияти ҳуқуқу имкониятҳои ҳамаи занон ва духтарон;

- Ҳадафи 8. Мусоидат ба рушди устувор ва фарогири иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама;
- Ҳадафи 13. Андешидани чораҳои таъҷилӣ барои мубориза бо тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он.

1.10 Бонк воситаҳои асосиро, аз ҷумла Низомнома оид ба ҳифзи муҳити зист ва баҳодиҳии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ дар қарздиҳии мизоҷон, Нақшаи роҳ оид ба ҷорикунӣ ва рушди ESG, инчунин Сиёсати идоракунии хавфҳоро, ки хавфҳои экологӣ ва иҷтимоиро ҳамчун як қисми хавфи умумии институтсионалӣ баррасӣ мекунад, амалӣ намудааст. Инчунин тадқиқотҳо, ба монанди пурсишҳои сифати хизматрасонии мизоҷон, мунтазам гузаронида мешаванд.

2 ҲАДАФҲО ВА ВАЗИФАҲОИ БОНК

Бонк ӯҳдадор аст, ки принсипҳои зерини ESG-ро риоя кунад:

2.1 Ҳифзи муҳити зист:

- Ба ҳадди ақал расонидани таъсири Бонк ба муҳити зист тавассути кам кардани истифодаи энергияи барқарорнашаванда ва сарфаи об ва коғаз дар фаъолияти амалиётии худ;
- Мусоидат намудан ба ҷорикунии қарорҳои маблағгузории сабз, ки барои баланд бардоштани устуворӣ нисбат ба тағйирёбии иқлим ва истифодаи самараноки захираҳо равона карда шудаанд;
- Муайянкунӣ, мониторинг ва идоракунии хавфҳои экологӣ дар сандуқи қарзии Бонк.

Баланд бардоштани сатҳи дониши аҳолӣ ва кормандон дар соҳаи тағйирёбии иқлим ва иқтисодиёти сабз

2.2 Масъулияти иҷтимоӣ:

- Васеъ намудани дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои аҳолии камбизоат, бахусус аҳолии деҳот, занон ва ҷавонон;
- Таъмини ҳифзи қатъии манфиати мизоҷон, саводнокии молиявӣ ва рақамӣ ва стандартҳои ахлоқии хизматрасонӣ;
- Дастгирии некӯаҳволӣ, саломатӣ ва бехавфии кормандон, инчунин имкониятҳои баробар барои ҳамаи кормандон.

2.3 Идоракунии самаранок

- Ӯҳдадорӣ ба ростқавлӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ дар ҳама ҷанбаҳои идоракунии Бонк;

- Таъмини назорати мустақил, идоракунии самараноки хавфҳо ва риояи Қонунҳо, стандартҳо ва Ҳадафҳои рушди устувор;
- Татбиқи принсипҳои ESG дар раванди қабули қарорҳо дар сатҳи Шӯрои Нозирон ва Раёсат;
- Рафтори ахлоқӣ дар пешбурди тиҷорат ва стандартҳои зиддикоррупсионӣ.

3 ДОИРАИ АМАЛИЁТ ВА ТАТБИҚ

Сиёсати мазкур ба ҳамаи сохторҳои ташкилӣ, аз ҷумла, Шӯрои Нозирон, Раёсат, кормандон ва фаъолиятҳои Бонк, аз ҷумла филиалҳо, марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва каналҳои рақамии интиқоли иттилоот татбиқ мегардад. Он соҳаҳои ташкилӣ, функсионалӣ, ҷуғрофӣ ва замониро дар бар мегирад.

3.1 Соҳаи ташкилӣ

3.1.1 Кормандон ва шӯъбаҳо

- Ҳамаи кормандон, новобаста аз вазифа ё масъулиятҳои кории худ, барои татбиқи принсипҳои ESG дар доираи фаъолияти худ масъул мебошанд:
- Департаменти рушди тиҷорат дар раванди коркарди дархостҳои қарзӣ воситаҳои арзёбии экологӣ ва иҷтимоиро истифода мебарад;
- Департаменти идоракунии хавфҳо хавфҳои ESG-ро дар баҳодиҳии худ ворид менамояд;
- Шуъбаи маъмурӣ истифодаи захираҳоро (масалан, нерӯи барқ, сӯзишворӣ) назорат менамояд;
- Департаменти захираҳои меҳнатӣ сиёсати одилонаи ҷалби кормандон ва баробарии гендериро амалӣ менамояд.

3.1.2 Шӯрои Нозирон ва Кумитаҳои назди Шӯрои Нозирон

Шӯрои Нозирон назорати ниҳоии сиёсати ESG-ро анҷом медиҳад ва масъулиятҳои худро ба шахсони зерин вогузор мекунад:

- Кумитаи идоракунии дороиҳо, ӯҳдадориҳо, қарзҳо ва хавфҳо (BARCO), ки воридкунии хавфҳои марбут ба ESG-ро ба низоми умумии идоракунии хавфҳои Бонк таъмин менамояд;
- Кумитаи аудит ва комплаенс (BACCO), ки нишондиҳандаҳои ESG-ро назорат мекунад, маълумоти нашрмешударо тасдиқ мекунад ва оиди ворид намудани тағйирот ба Сиёсати мазкур тавсияҳо медиҳад.

3.2 Соҳаи функсионалии татбиқ

3.2.1 Амалиёти қарзӣ ва қарорҳо оид ба қарздиҳӣ

Ҳамаи мизоҷоне, ки барои мақсадҳои соҳибкорӣ қарз гирифтан мехоҳанд, бояд аз тафтиши хавфҳои экологӣ ва иҷтимоӣ ва тибқи Рӯйхати истисноҳои Бонк санҷиш гузаранд. Сатҳи арзёбӣ ва мониторинг (due diligence) бояд ба категорияи хавфи экологӣ ва иҷтимоии ба мизоҷ додашуда мувофиқ бошад. Категориябандии мизоҷ бояд дар асоси хавфҳои эҳтимолии экологӣ ва иҷтимоии мизоҷ аз фаъолияти худ мутобиқ карда шуда, бояд пеш аз ба кумитаи қарзӣ ирсол намудан гузаронида шавад.

3.2.2 Идоракунии хавфҳо

Хавфҳои марбут ба ESG ҳамчун омилҳои хавф ҳисобида мешаванд ва ба низоми корпоративии идоракунии хавфҳо, аз ҷумла хавфҳои қарзӣ, амалиётӣ ва обрӯӣ ворид карда мешаванд.

3.2.3 Идоракунии захираҳои меҳнатӣ ва шӯъбаи маъмурӣ

Сиёсати кадрӣ шароити одилонаи корӣ, имкониятҳои баробар, роҳ надодан ба табъиз ва саломатӣ ва бехатариро таъмин менамояд. Шӯъбаи маъмурӣ истифодаи захираҳоро (масалан, нерӯи барқ, сӯзишворӣ, об) назорат ва идора мекунад ва барои беҳбудии доимӣ кӯшиш мекунад.

3.2.4 Нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ ва ҷалби ҷомеа

Ташаббусҳо оиди масъулияти иҷтимоии корпоративӣ ба принсипҳои ESG ва рисолати Бонк мутобиқ буда, гузоришдиҳии шаффофи фаъолият ва натиҷаҳоро таъмин мекунанд.

3.2.5 Маълумот, ҳисоботдиҳӣ ва ифшои маълумоти ESG

Воҳидҳои сохторӣ маълумоти марбут ба ESG-ро барои таҳлили дохилӣ ба Раёсат ва барои назорат ба Шӯрои Нозирон пешниҳод мекунанд. Маълумоти беруна дар ҳолатҳои зарурӣ ва мутаносиб нашр карда мешавад.

3.3 Фарогирии ҷуғрофӣ

Сиёсати мазкур ба ҳамаи минтақаҳои фаъолият, аз ҷумла минтақаҳои деҳот ва кӯҳистон, ки дар онҳо маҳдудиятҳои инфрасохтор метавонанд хавфро афзоиш диҳанд, татбиқ мегардад. Роҳбарони филиалҳо барои таъмини риояи қонунҳо дар маҳал ва саривақт огоҳ намудан оиди ҳодисаҳо масъул мебошанд.

3.4 Фарогирии замонӣ

Сиёсати мазкур аз рӯзи тасдиқи Шӯрои Нозирон эътибор пайдо мекунад. Он бояд на кам аз як маротиба дар ду сол ё дар сурати зарурат бинобар тағйирот дар қонунгузорӣ, рӯйдоди муҳими ESG ё тағйироти муҳими институтсионалӣ, зудтар аз нав дида баромада шавад.

4 ӮҲДАДОРИҲО БА ПРИНСИПҲОИ ESG

Бонк эътироф менамояд, ки устуворӣ ва қобилияти ҳаётии дарозмуддат аз тарзи идоракунии таъсироти экологӣ, таъмини арзиши иҷтимоӣ ва нигоҳ доштани якҷоягии идоракунӣ вобаста аст. Дар ин бахш ӯҳдадориҳои ва амалияҳои ҳадди ақали зарурӣ барои ҳар яки ин соҳаҳо оварда шудаанд.

4.1 Ӯҳдадориҳои экологӣ

Бонк кӯшиш мекунад, ки таъсири манфиро ба муҳити зист ба ҳадди ақал расонад, хавфҳои иқлимиро ҳангоми қарздиҳӣ ба назар гирад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди сабзи Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳмгузорӣ намояд.

Принсипҳо:

- Татбиқи хавфҳои экологӣ ва иқлимӣ ба равандҳои қарздиҳӣ ва идоракунии хавфҳо;
- Пешгирии зарар ва ба ҳадди ақал расонидани таъсири манфӣ ба муҳити зист, ки бо маблағгузорӣ алоқаманд аст;
- Маблағгузории масъулиятнок тавассути пешгирии зарари назаррас ба муҳити зист ва дастгирии татбиқи амалияҳои масъулиятнок;
- Риояи қонунгузории амалкунандаи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ӯҳдадорӣ барои такмили доимӣ.

Равандҳои ҳадди ақали зарурӣ инҳоянд:

- санҷиши ҳатмии экологӣ ва иҷтимоӣ барои қарзҳо;
- татбиқи рӯйхати истисноҳо;
- афзоиши шумораи ҳолатҳо бо хавфи баланд;
- инчунин мониторинги дохилии истеъмоли захираҳои амалиётӣ (масалан, нерӯи барқ ва сӯзишворӣ) барои таҳлил аз ҷониби роҳбарият.

4.2 Ӯҳдадориҳои иҷтимоӣ

Ҳадафи Бонк – расонидани таъсири иҷтимоии дарозмуддат тавассути таъмини маблағгузории масъулиятнок, ҳифзи мизоҷони осебпазир ва камбизоат, беҳтар кардани некӯаҳволии кормандон ва дастгирии рушди ҷомеа тавассути масъулияти мақсадноки корпоративӣ мебошад.

Бонк кӯшиш мекунад, ки аз маблағгузории фаъолияте, ки метавонад ба оқибатҳои назарраси манфии иҷтимоӣ оварда расонад, худдорӣ намояд. Дар доираи Системаи идоракунии хавфҳои экологӣ ва иҷтимоии худ (СИҲЭИ / ESMS) Бонк мизоҷони тиҷоратиро тибқи меъёрҳои истиснои иҷтимоӣ санҷиш менамояд, аз ҷумла, вале бо ин маҳдуд нашуда: истифодаи меҳнати кӯдакон, меҳнати маҷбурӣ, шароити хавфнок

ё истисморгаронаи меҳнат, дискриминатсия ва вайронкуниҳои ҷиддии қонунгузории ҷории меҳнат, ҳифзи саломатӣ ва техникаи бехатарӣ ё ҳуқуқи инсон.

Принсипҳо:

- Маблағгузории масъулиятнок, ки бар асоси хизматрасониҳои одилона, шаффоф ва ба мизоҷон нигаронидашуда асос ёфтааст;
- Ҳифзи манфиатҳои мизоҷон, аз ҷумла пешгирии қарздории аз ҳад зиёд ва муносибати бо эҳтиромона бо онҳо;
- Имкониятҳои баробар ва роҳ надодан ба табъиз барои мизоҷон ва кормандон.
- Некӯаҳволии кормандон, шароити бехавфи корӣ ва рушди касбӣ;
- Ҳамкорӣ бо ҷомеа ва масъулияти иҷтимоии корпоративӣ бо рисолат ва ҳадафҳои ESG-и Бонк мувофиқ мебошанд.

4.3 Ӯҳдадориҳои идоракунӣ

Бонк ба меъёрҳои баландтарини якпорчагии институтсионалӣ, шаффофият ва ҳисоботдиҳӣ риоя мекунад ва кафолат медиҳад, ки принсипҳои ESG ба равандҳои идоракунӣ ва қабули қарорҳои он ворид карда мешаванд.

Принсипҳо:

- Рафтори ахлоқӣ ва поквиҷдонӣ, инчунин набудани фасод ва қаллобӣ.
- Идоракунии шаффоф бо тақсимоти возеҳи нақшҳо ва масъулиятҳо, инчунин назорати самаранок;
- Таъмини ҳисоботдиҳӣ тавассути татбиқи омилҳои ESG ба раванди қабули қарорҳо ва назорати идоракунӣ;
- Идоракунии хавфҳо бо назардошти хавфҳои ESG, ки ба низоми умумии идоракунии хавфҳо ворид карда шудаанд;
- ӯҳдадориҳо оиди ифшои маълумот ва ҳисоботдиҳӣ бо интизориҳои ҷонибҳои манфиатдор ва дастурҳои дахлдор мувофиқанд.

5 МУВОФИҚАТ БА ҲАДАФҲОИ РУШДИ УСТУВОРИ СММ

5.1 Дар доираи татбиқи равиши ESG, Бонк ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувори Созмони Милали Муттаҳидро (ҲРУ), ки ба таъмини рушди устувори иқтисодӣ, адолати иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист нигаронида шудаанд, дастгирӣ менамояд.

Бонк ҳадафҳои зерини рушди устуворро ҳамчун афзалиятҳо муайян мекунад:

Ҳадафҳои Рушди Устувор (ҲРУ)	Самти татбиқ дар фаъолияти Бонк

ҲРУ 1. Барҳам додани камбизоатӣ	• Васеъ намудани дастрасӣ ба хизматрасониҳои молиявии масъулиятнок барои аҳолии камбизоат ва камтаъмин; • Дастгирии ташаккули даромад ва устувории иқтисодӣ тавассути маблағгузории тиҷорати хурд ва микротиҷорат.
ҲРУ 5. Баробарии гендерӣ	• таъмини имкониятҳои баробар, набудани табъиз ва шароити одилонаи корӣ; • дастгирии занон тавассути иштирок дар лоиҳаҳои молиявӣ барои рушди соҳибкории занон.
ҲРУ 8. Меҳнати арзанда ва рушди иқтисодӣ	• фароҳам овардани шароити бехавфи корӣ ва рушди сармояи инсонӣ; • беҳтар кардани фарогирии молиявӣ тавассути пешниҳоди ҳама намуди хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд.
ҲРУ 13. Мубориза бо тағйирёбии иқлим	• Пешбурди маблағгузории сабз ва сармоягузориҳое, ки ба устувории муҳити зист мусоидат мекунанд; • Дастгирии устуворӣ ба иқлим ва гузариш ба иқтисоди дорои карбони кам тавассути амалияи масъулиятноки қарздиҳӣ.

6 НАЗОРАТ ВА МАСЪУЛИЯТ БАРОИ ТАТБИҚИ СИЁСАТИ ESG

6.1 Назорат аз ҷониби Шӯрои Нозирон

Шӯрои Нозирон барои назоратҷиҳати риояи принсипҳои ESG масъулияти пурра дорад. Шӯрои Нозирон Сиёсати мазкур ва ҳама гуна навсозиҳои муҳими онро тасдиқ мекунад, ворид намудани принсипҳои ESG-ро ба стратегия ва сатҳи қобили қабули хавфро таъмин менамояд, инчунин на камтар аз як маротиба як семоҳа ҳисоботро оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соҳаи ESG баррасӣ мекунад.

6.2 Кумитаҳои Шӯрои Нозирон

Кумитаҳои Шӯрои нозирон принсипҳои идоракунии корпоративии ESG-ро чунин дастгирӣ мекунанд:

- Кумитаи идоракунии дороиҳо, ӯҳдадориҳо, қарзҳо ва хавфҳо (BARCO) татбиқи хавфҳои марбут ба ESG-ро ба низоми умумии идоракунӣ таъмин мекунад;
- Кумитаи аудит ва комплаенс (BACCO) кафолат медиҳад, ки назорати марбут ба ESG ва якпорчагии маълумот ҳангоми банақшагирӣ ва гузоришдиҳии аудити дохилӣ ба назар гирифта мешавад.

Раёсат ба Шӯрои Нозирон оид ба фаъолияти ESG дар Бонк ҳар се моҳ ҳисобот медиҳад. Чунин ҳисоботҳо бояд пешрафтҳои асосӣ дар соҳаи ESG, раванди иҷрои мақсадҳои тасдиқшудаи ESG, хавфҳои назарраси ESG ва ҳолати амалӣ гардонидани Сиёсати ESG-ро дар бар гиранд

Шӯрои Нозирон метавонад аъзои масъулро барои масъалаҳои ESG таъин кунад, ки назорати риояи принсипҳои ESG-ро назорат мекунад ва диққати лозимаро ба масъалаҳои рушди устувор таъмин менамояд.

6.3 Масъулиятҳои роҳбарияти иҷроия

Раёсат татбиқи Сиёсати мазкурро дар ҳамаи воҳидҳои сохторӣ таъмин менамояд, захираҳоро тақсим менамояд ва барои нишондиҳандаҳо дар соҳаи ESG масъул аст. Роҳбарият тартибҳоро барои назорати риояи принсипҳои масъулияти экологӣ ва иҷтимоӣ, баррасии шикоятҳо, ҷамъоварии маълумот ва гузоришдиҳӣ таҳия мекунад.

6.4 Функсияи танзими ESG

Масъулини ESG ҷамъоварӣ ва гузоришдиҳии маълумоти ESG-ро танзим мекунад, танзими байниидоравиро таъмин мекунад ва барои Раёсат ва Шӯрои Нозирон ҳисоботҳои даврии ESG-ро омода мекунад.

Нишондиҳандаҳои ESG тавассути нишондиҳандаҳои дохилӣ, ҳисоботҳои шӯъбаҳо, мониторинги хавфҳо, натиҷаҳои аудит ва гузоришҳои баррасии шикоятҳо назорат карда мешаванд.

Дар ҳолатҳои зарурӣ, Бонк метавонад маълумоти берунаро дар бораи омилҳои ESG дар шакли мухтасар нашр кунад.

7 МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

7.1 Сиёсати мазкур аз тарафи Шӯрои Нозирони Бонк тасдиқ карда мешавад.

7.2 Сиёсати мазкур на кам аз як маротиба дар ду сол ҷиҳати мутобиқаткунӣ ба талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрӣ хуқуқии БМТ ва бизнес-ҷараёнҳо, инчунин ҳангоми тағйироти назарраси институтсионалӣ ё рӯйдоди муҳими марбут ба омилҳои ESG зери азназаргузаронӣ қарор дода мешаванд.

7.3 Дар ҳолати тағйир ёфтани қонунгузории амалкунандаи ҶТ, санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии БМТ, инчунин стандартҳои танзимкунандаи омилҳои ESG, ба ҳуҷҷати мазкур дар муддати на дертар аз як моҳ аз рӯзи интишори расмии онҳо тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда мешавад (агар мӯҳлати дигар дар санади меъёрии ҳуқуқии тағйирдодашуда муқаррар карда нашуда бошад).

7.4 Дар ҳолатҳои зарурӣ, то лаҳзаи тасдиқи тағйиру иловаҳо ба Сиёсати мазкур аз ҷониби Шӯрои нозирони Бонк, тағйиротҳои зикршуда бо қарори алоҳидаи Раёсати Бонк, бо тартиби умумӣ қабул карда мешаванд.

Замимаи 1

Рӯйхати истилоҳот ва тавзеҳот

Омилҳои ESG — омилҳои марбут ба муҳити зист (аз ҷумла омилҳои экологӣ ва омилҳои марбут ба тағйирёбии иқлим), ҷомеа (омилҳои иҷтимоӣ) ва идоракунии корпоративӣ.

Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ) — дар Эъломияи «Табдил додани ҷаҳони мо: Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030», ки бо қарори Маҷмаи Умумии СММ аз 25 сентябри соли 2015 қабул шудааст, муқаррар гардидаанд.

Стратегияи рушди иқтисоди сабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023–2037 — ҳуҷҷати дарозмуҳлат мебошад, ки ба гузариш ба афзоиши устувори экологӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои табиӣ ва коҳиш додани партовҳои карбон нигаронида шудааст.

Стандартҳои байналмилалии рушди устувор — маҷмӯи воситаҳо барои идоракунии таъсири ташкилот ба муҳити зист, ҷомеа ва иқтисодиёт мебошанд. Асоситарини онҳо ISO 26000, ISO 14001, ISO 32210 ва стандартҳои GRI мебошанд.

Бонк тағйиротҳои байналмилалиро дар соҳаи ESG пайгирӣ мекунад ва метавонад ифшои маълумоти худро дар соҳаи рушди устувор ба чорчӯбаҳо ва стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Дастурамал оид ба ҳисоботдиҳии корпоративӣ дар соҳаи рушди устувор (CSRD) ва Стандартҳои аврупоии ҳисоботдиҳӣ дар соҳаи рушди устувор (ESRS) мутобиқ созад.

Замимаи 2

Ҳадафҳои рушди устувори қабулкардаи СММ

Ҳадафи 1. Барҳам додани камбизоатӣ дар ҳама шаклҳояш дар ҳама ҷо.

Ҳадафи 2. Барҳам додани гуруснагӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва беҳтар кардани тағзия, ва мусоидат ба рушди кишоварзии устувор.

Ҳадафи 3. Таъмини ҳаёти сопломона ва мусоидат ба некӯаҳволии ҳама дар ҳама синну сол.

Ҳадафи 4. Таъмини таҳсилоти фарогир ва босифат ва эҷоди имкониятҳои таълими тамоми ҳаёт барои ҳама.

Ҳадафи 5. Ноил шудан ба баробарии гендерӣ ва тақвияти ҳуқуқу имкониятҳои ҳамаи занон ва духтарон.

Ҳадафи 6. Таъмини дастрасӣ ва идоракунии устувори захираҳои об ва санитария барои ҳама.

Ҳадафи 7. Таъмини дастрасӣ ба манбаъҳои энергияи арзон, боэътимод, устувор ва муосир барои ҳама.

Ҳадафи 8. Мусоидат ба рушди устувор ва фарогири иқтисодӣ, шуғли пурра ва самаранок ва кори шоиста барои ҳама.

Ҳадафи 9. Бунёди инфрасохтори устувор, пешбурди саноатикунонии фарогир ва устувор ва тақвияти инноватсия.

Ҳадафи 10. Коҳиш додани нобаробарӣ дар дохили кишварҳо ва байни онҳо.

Ҳадафи 11. Таъмини кушодашавӣ, бехатарӣ, устуворӣ ва экологияти шаҳрҳо ва аҳолинишинҳо.

Ҳадафи 12. Таъмини гузариш ба шаклҳои устувори истеъмол ва истеҳсолот.

Ҳадафи 13. Андешидани чораҳои таъҷилӣ барои мубориза бо тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои он.

Ҳадафи 14. Ҳифз ва истифодаи оқилонаи уммонҳо, баҳрҳо ва захираҳои баҳрӣ барои рушди устувор.

Ҳадафи 15. Ҳифз, барқарорсозӣ ва мусоидат ба истифодаи оқилонаи экосистемаҳои хушкӣ.

Ҳадафи 16. Мусоидат ба сохтани ҷомеаҳои осоишта ва фарогир.

Ҳадафи 17. Тақвияти воситаҳои татбиқ ва эҳёи Партоки байналмилалӣ барои рушди устувор.